*Ба Шӯрои диссертатсионии 6D.КОА-012 назди Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон*

# ТАҚРИЗИ

**муқаррризи расмӣ ба диссертатсияи Лутфулоев Мазбутҷон Дадоҷонович дар мавзӯи «Хусусиятҳои рушди савдои чакана дар шароити иқтисоди рақамӣ (дар мисоли шаҳри Хуҷанд)», ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.05 – Иқтисодиёти соҳаҳои хизматрасонӣ (08.00.05.01 – Савдо, хизматрасониҳои тиҷоратӣ ва маишӣ) пешниҳод шудааст.**

## Мубрам будани мавзӯи диссертатсия

Дар самаранок татбиқи намудани дурнамои рушди иқтисодиёти ҷумҳурӣ дар радифи соҳаҳои дигар, савдои чакана низ мавқеи махсусро ишғол менамояд, ки бахши муҳими соҳаи хизматрасонӣ ва омили муҳими таъмини бозори истеъмолии кишвар бо молу хизматрасонӣ мебошад. Зинаи чаканаи савдои дохилӣ ҳамчун манбаи ворид гардидани воситаҳои пулӣ, қисми назарраси буҷетҳои давлатӣ ва маҳаллиро ташаккул медиҳад, барои таъсиси ҷойҳои нави корӣ мусоидат карда, ба ин васила ба устувории вазъи иқтисодию молиявӣ дар кишвар замина мегузорад. Таъсири назарраси савдои чакана ба таъмини рушди иқтисодиву иҷтимоии ҷумҳурӣ тақозо менамояд, ки таҳқиқи амиқи масъалаҳои назариявӣ ва методологии тамоюл, қонуният ва ихтилофҳои рушди савдои чакана дар шароити иқтисоди рақамӣ амалӣ гардонида шавад.

Бинобар ин, муқаррароти илмӣ-назариявӣ, методологӣ ва методии рушди савдои чакана дар шароити амал ва татбиқи иқтисоди рақамӣ таҳлили амиқ, арзёбии объективии самаранокии воқеӣ, таҳияи стратегияи баланд бардоштани сифати хизматрасониҳоро ҳамчун яке аз омилҳои рушди савдои чакана бо дарназардошти ҷавобгӯ будан ба талаботи модели инноватсионии рушди иқтисодиёт тақозо менамояд.

Аз ин рӯ, ба ақидаи мо, интихоби мавзӯъ, гузориши мақсад ва вазифаҳо, инчунин объекту предмети диссертатсияи Лутфулоев Мазбутҷон Дадоҷоновичро дар шароити имрӯза мубрам ва саривақтӣ мебошад.

## Дараҷаи асоснокӣ ва муътамад будани хулоса ва тавсияҳо

Мақсади асосии диссертатсия аз асоснокkунии илмии назариявӣ ва таҳияи тавсияҳои амалӣ оид ба ташаккул ва рушди савдои чакана дар шароити рақамикунонии иқтисодиёти миллӣ иборат аст.

Барои ҳалли ҳадафи мазкур ва вазифаҳои дар диссертатсия гузоштташуда, усулҳои гуногуни таҳқиқоти илмӣ, ба монанди усули системавию таркибӣ, сабабу натиҷа, абстраксияи илмӣ, таҳлил ва синтез, индуксия ва дедуксия, усули омӯзиши омилҳо, экспертию таҳлилӣ, иқтисодию риёзӣ, иҷтимоӣ, алоқамандии хусусиятҳои миқдорию сифатӣ ва ғайра истифода шудаанд, ки асоснокӣ ва муътамад будани хулосаю натиҷаҳои таҳқиқотро таъмин намудаанд.

**Соҳаи таҳқиқот.** Мавзӯи диссертатсия ба бандҳои зерини Шиносномаи ихтисосҳои кормандони илм аз рӯи ихтисоси 08.00.05 – Иқтисодиёти соҳаҳои хизматрасонӣ (08.00.05.01 – Савдо, хизматрасониҳои тиҷоратӣ ва маишӣ) мутобиқ мебошад.

## Саҳеҳӣ ва дараҷаи навгонии натиҷаҳои дар диссертатсия бадастомада ва нуқтаҳои илмие, ки барои ҳимоя пешниҳод мешаванд

Навгонии илмии диссертатсия аз гузориш ва асоснокгардонии заминаҳои назариявию методии ташаккул ва рушди савдои чакана дар шароити иқтисодиёти рақамӣ, ҳамчунин таҳияи тавсияҳои амалӣ оид ба вусъат бахшидани равандҳои қайдшуда зоҳир мегардад.

Боиси қайд аст, ки ба ҳимоя, аз ҷониби муаллиф, нуқтаҳои зерини назариявию методӣ ва амалии таҳқиқ пешниҳод мегарданд, ки дорои унсурҳои навгонии илмӣ мебошанд:

- пешниҳоди муқаррароти илмию назариявӣ оид ба моҳияту мазмуни иқтисодию иҷтимоии ташаккул ва рушди иқтисоди рақамӣ;
- муайян намудани хусусиятҳои хос ва самтҳои асосии рақамикунонии равандҳои кории субъектҳои савдои чакана дар асоси омӯзиши таҷрибаи пешқадами мамлакатҳои хориҷӣ;
- ошкор кардани тамоюли рушд ва хусусиятҳои рақамикунонии равандҳои корӣ дар субъектҳои савдои чаканаи шаҳри Хуҷанд;
- ошкор ва гурӯҳбандӣ намудани омилҳое, ки ба раванди рақамикунонии равандҳои кории субъектҳои савдои чаканаи шаҳри Хуҷанд таъсир мерасонанд;
- таҳия ва асоснок намудани самтҳои асосии рушди савдои чакана дар шаҳри Хуҷанд дар шароити татбиқи технологияҳои рақамӣ;
- пешниҳоди тавсияҳои амалӣ оид ба такмили механизм ва татбиқи амалии рақамикунонии фаъолияти субъектҳои савдои чакана.

## Ҳаҷм ва сохтори диссертатсия

Диссертатсия аз муқаддима, 3 боб, хулосаю пешниҳодҳо, рӯйхати адабиёти истифодашуда иборат мебошад.

Дар муқаддима мубрам будани мавзӯи диссертатсия ва сатҳи омӯзиши он асоснок карда шуда, мақсад, вазифаҳо, объект, предмет ва усулҳои таҳқиқот муайян шудаанд, инчунин, муқаррароти дорои навгонии илмӣ ва аҳамияти назариявию амалии диссертатсия инъикос гардидаанд ва маълумот оид ба тавсифи натиҷаҳои таҳқиқ пешниҳод карда шудаанд (с. 3-11).

Дар боби якуми диссертатсия – **"Асосҳои илмию назариявии ташаккул ва рушди савдои чакана дар шароити иқтисоди рақамӣ"** моҳияти "иқтисоди рақамӣ", "иқтисоди иттилоотӣ", "иқтисоди шабакавӣ", "интернет-иқтисод" ва "иқтисоди электронӣ" (саҳ. 15-16), тамоюлҳои нав дар иқтисодиёти муосир (расми 1. саҳ. 16), равишҳо оид ба муайян кардани моҳияти иқтисоди рақамӣ (саҳ. 17-18) мушаххас гардида, ба муаллиф муяссар шудааст, ки вобаста ба ҳалли масъалаву мушкилоти назариявии иқтисоди рақамӣ пешниҳодҳои илмии дорои аҳамияти амалӣ манзур намояд.

Муаллиф баён менамояд, ки ҳарчанд технологияҳои рақамӣ дар савдои чакана ҳоло акнун дар зинаи ташаккул қарор дошта бошанд ҳам аллакай нақши махсусро дар фаъолияти кории истеъмолгарон соҳиб шуда истодаанд. Дигаргунӣ дар савдои чакана дар натиҷаи истифода ва татбиқи технологияҳои рақамӣ хусусияти барногаштаниро дорад, аз ин ҷиҳат зарурати таҳқиқ намудани рақамикунонии савдоро ба миён меорад. Муаллиф барномаҳои гузариши рақамии иқтисоди кишварҳои пешрафтаро таҳлил намуда, барои Ҷумҳурии Тоҷикистон афзалиятҳо интихоб ва пешниҳод намудааст

Дар боби дуюми диссертатсия – **"Тамоюли рушди савдои чакана ва сатҳи рақамикунонии он дар шаҳри Хуҷанд"** – вазъи муосири рушди савдои чакана дар шаҳри Хуҷанд таҳқиқ гардида, тамоюлҳои хоси он мушаххас карда шудаанд. Аз ҷумла аз тарафи муаллиф, дар асоси таҳлили рушди савдои чаканаи шаҳри Хуҷанд якчанд гурӯҳҳои масъалаҳои афзалиятнок муайян карда шудааст, ки ҳалли онҳо барои баландбардории самаранокии иқтисодию иҷтимоӣ ва хизматрасонии савдои чаканаи аҳолӣ мусоидат менамояд (саҳ. 67).

Муаллиф дар натиҷаи таҳлили ҳолати ҷорӣ қайд менамояд, ки аз тарафи субъектҳои хоҷагидор иҷрои як қатор шартҳо барои татбиқи пурраи хизматрасониҳои дахлдор зарур аст: таъмини корхонаҳо бо таҷҳизоти муосири савдо, ки коркарди рақамӣ ва мубодилаи иттилоот, ташкили инфрасохтори иттилоотӣ - технологӣ ва телекоммуникатсионӣ барои пешбурди фаъолияти савдо, коркарди ҳалли техникӣ оид ба ташкил ва

идоракунии равандҳои савдою технологӣ барои субъектҳои хоҷагидор мебошад (саҳ.70).

Дастоварди илмию амалии дигари муаллиф дар он зоҳир мегардад, ки дар заминаи таҳлили фарогир дар баробари дастоварду муваффақиятҳо ҳарчанд тамоюлҳои мусбат мавҷуд бошанд ҳам, ҳанӯз масъалаҳои ҳалнашуда дар ин самт, бахусус дар бахши рақамикунонии равандҳои кории корхонаҳои савдо вуҷуд доранд. Ба андешаи муаллиф, сабабҳои асосӣ ин кам маълумот доштан аз ин гуна дастовардҳо, надоштани маҳорат ва малака ва мавҷуд набудани захираҳо мебошад. Аксаран татбиқи технологияҳои рақамӣ ва инноватсияҳо барои роҳбарият мақсади аввалиндараҷа ба ҳисоб намеравад, чунки дониши онҳо оид ба имкониятҳои технологияҳои муосир маҳдуд аст. Илова бар ин, мумкин аст, ки дар роҳбарият маҳорати амалӣ доир ба татбиқи инноватсияҳо мавҷуд набошад (с.85).

Дар боби сеюми диссертатсия – **“Самтҳои асосии рушди раванди рақамикунонии савдои чакана”** – самтҳои асосии рушди савдои чаканаи шаҳри Хуҷанд пешниҳод шудаанд. Аз ҷумла, асосноккунии самтҳои асосии рушди савдои чаканаи шаҳри Хуҷанд дар шароити иқтисоди рақамиро фаро гирифта, принсипҳои асосии стратегияи рақамикунонии корхонаҳои савдои чаканаи шаҳри Хуҷанд пешниҳод гардидааст. Ҳамчунин дар ин боб ба самтҳои афзалиятноки рушди савдои чаканаи шаҳри Хуҷанд бо ба назаргирии рақамикунонии равандҳои он эътибори махсус дода шуда, зикр карда шудааст, ки ҳалли бомуваффақияти масъалаҳои рақамикунонии савдои чакана ҳамчунин бо ташаккули экосистемаи рақамӣ ва рушди салоҳияти рақамии кормандони савдои чакана алоқамандии бевосита дорад (с. 122-152).

Таҳқиқоти диссертатсионӣ бо хулоса ва тавсияҳо оид ба рушди минбаъдаи **савдои чакана** анҷом меёбад (с. 153-156).

### Аҳамияти илмию назариявӣ ва амалии диссертатсия

Аҳамияти илмию назариявии диссертатсия дар таҳқиқ ва асосноккунии ҷанбаҳои назариявию методологии мавзӯи таҳқиқот ва самтҳои рушди савдои чакана дар асоси татбиқи технологияҳои рақамӣ ифода меёбад. Натиҷаҳои таҳқиқ, ки аз ҷониби муаллиф ба даст оварда шудаанд, метавонанд барои ба таври дақиқ ва объективӣ арзёбӣ намудани раванди рақамикунонии равандҳои кории фаъолияти субъектҳои савдои чакана бо дарназардошти таъсири бисёрҷонибаи омилҳои муҳити дохилӣ ва берунӣ дар шароити муосир истифода шаванд.

Хулосаҳои асосӣ ва пешниҳодҳое, ки дар диссертатсия оварда шудаанд, метавонанд дар раванди таълим барои омодасозии мутахассисон дар самти иқтисоди рақамӣ, аз он ҷумла рақамикунонии равандҳо дар корхонаҳои савдои чакана, ҳамчунин дар курсҳои такмили ихтисоси

роҳбарон, кормандон ва мутахассисони бахши савдои чакана истифода шаванд.

**Эроду тавсияҳо барои беҳтар гардонидани сатҳи имлию назариявӣ ва амалии диссертатсия**

Ба сифати эроду тавсияҳо ба диссертатсияи мазкур чуин нуқтаҳоро қайд кардан мумкин аст:

1. Ба андешаи мо, дар боби якум ва дуюми диссертатсия муаллиф мебоист дар баробари таҳқиқи масъалаҳои иқтисоди рақамӣ масъалаҳои мавҷудият ва ҳалли мушкиолоти кадриро дар соҳаи мазкур баррасӣ менамуд.
2. Дар боби дуюми диссертатсия муаллиф мебоист ҳангоми дурнамосозии рушди савдои чакана нишондиҳандаҳои ноилшударо бо нишондиҳандаҳои стратегия ва барномаи миёнамуҳлати рушди иқтисоди миллӣ муқоиса ва арзёбӣ менамуд.
3. Дар боби сеюми рисолаи илмӣ зимни пешниҳоди таҳияи экосистемаи рақамӣ муаллиф бояд ба масъалаи татбиқи он бевосита дар корхонаҳои савдои чакана таваҷҷуҳи бештар равон мекард.
4. Дар диссертатсия татбиқи технологияҳои рақамӣ бештар дар супермаркету марказҳои савдо баррасӣ шудааст. Омӯзиши раванди татбиқи технологияҳои рақамӣ дар бозорҳои савдои яклухт ва чакана ва пешниҳоди тавсияҳои дахлдор низ метавонист сифати корро боз ҳам баландтар бардоранд.
5. Дар диссертатсия хатогиҳои имлоӣ ва техникӣ низ дида мешаванд.

Аммо, эроду тавсияҳои зикршуда ба сатҳи баланди илмию амалии таҳқиқоти мазкур таъсири манфӣ намерасонад ва метавонанд аз ҷониби муаллиф зимни таҳқиқоти минбаъда ба инобат гирифта шаванд.

**Хулоса оид ба мувофиқати диссертатсия ва меъёрҳое, ки тартиби додани дараҷаҳои илмӣ муқаррар кардааст.**

Авторферат ва таълифоти муаллиф мазмуни асосии диссертатсияро инъикос менамоянд.

Диссертатсияи тақризшаванда кори илмию тахассусии анҷомшуда буда, ба муаллиф муяссар шудааст, ки вазифаҳои гузошташударо муваффақона иҷро намояд.

Диссертатсия ба Шиносномаи ихтисосҳои илмии Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз рӯйи ихтисоси 08.00.05 – Иқтисодиёти соҳаҳои хизматрасонӣ (08.00.05.01 – Савдо, хизматрасониҳои тиҷоратӣ ва маишӣ) мувофиқ мебошад.

Хулоса, диссертатсияи Лутфулоев Мазбутҷон Дадоҷонович дар мавзӯи «Хусусиятҳои рушди савдои чакана дар шароити иқтисоди рақамӣ (дар мисоли шаҳри Хуҷанд)» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.05 – Иқтисодиёти соҳаҳои хизматрасонӣ (08.00.05.01 – Савдо, хизматрасониҳои тиҷоратӣ ва маишӣ) ба талаботи Комиссияи оли аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷавобгӯй мебошад ва муаллифи диссертатсия сазовори дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси пешниҳодшуда мебошад.

Муқарризи расмӣ
номзади илмҳои иқтисодӣ,
мудири кафедраи назарияи иқтисодӣ
ва фаъолияти соҳибкории
Донишгоҳи байналмилалии сайёҳӣ
ва соҳибкории Тоҷикистон **Ҳабибуллозода М.Ҳ.**

"*Имзои Ҳабибуллозода М.Ҳ.-ро тасдиқ мекунам*"
Сардори РК ва КМ ДБССТ Ҷураев Ш.Н.

**Суроға:** 734055, ш. Душанбе, кӯчаи Борбад 48/5,
Донишгоҳи байналмилалии сайёҳӣ ва соҳибкории Тоҷикистон,
Тел: +992 009908282